# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ

**Парвандаи аттестатсионии №___________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 05.04.2024, №35**

Барои сазовор донистани Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ

Диссертатсияи Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич дар мавзуи «Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ санаи 30 январи 2024 барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №48 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №13/ш.д. таъсис дода шудааст.

Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич, соли таваллудаш 10.06.1994, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳоло ба ҳайси омӯзгори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва менеҷменти Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт кор мекунад.

Соли 2017 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси технология ва низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёт хатм намудааст.

Аз соли 2019 то соли 2022 ҳамчун унвонҷӯй ба кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон вобаста шудааст.

Солҳои 2017-2018 дар вазифаи мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва менеҷмент, солҳои 2018-2021 дар вазифаи муовини декан оид ба таълими факултети асосҳои идоракунӣ дар соҳаи маориф, солҳои 2021-2023 дар вазифаи декани факултети иқтисод ва идора, аз моҳи апрели соли 2023 то ноябри соли 2023 дар вазифаи сардори раёсати таълими Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт фаъолият намудааст.

Аз моҳи ноябри соли 2023 инҷониб муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва менеҷменти Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт фаъолият менамояд.

Мавзуи диссертатсияи Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич дар мавзуи «Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт)», дар маҷлиси Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон суратмаҷлиси №7/5.2. аз 30.01.2020 сол тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

Ҷонмамадов Шермамад Бегмамадович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди ҷаҳонии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

- Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд;

- Асоеи Муфаррах Мазоридинович - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисодӣ миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Сафаров А.Ҳ. тахия гардида, дар маҷлиси кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ баррасӣ ва муҳокима карда шуда (суратҷаласаи №8, аз 13.03.2024с.) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон д.и.х., профессор Насриддинзода Э.С. тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич дар мавзуи «Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт)», аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯйи талаботи бандҳои 31 ва 33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, тахия карда шудааст. Қайд шудааст, ки Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич довталаби дараҷаи илмӣ дар умум зиёда аз 16 интишори илмӣ дорад, аз ҷумла оид ба мавзуи диссертатсия 7 адад мақолаи илмӣ, аз ҷумла дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

**Феҳристи интишороти илмии довталаб доир ба мавзуи диссертатсия**
**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

[1-М]. Деҳқонов, С. А. Самаранокӣ ва маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С. А. Деҳқонов, А. Махмадуллоев // Паёми

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе. - 2020. - №8. - С. 199-203. ISSN 2413-5151.

[2-M]. Деҳқонов, С. А. Асосҳои назариявӣ ва методологии нақши давлат дар рушди низоми иқтисодии минтақавӣ [Матн] / С. А. Деҳқонов, Ф. Убайдов // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. -2021. - №4/1 (29). - С. 39-45. ISSN 2663-0389.

[3-M]. Деҳқонов, С. А. Вазифаҳои давлат дар рушди иқтисодиёти минтақавӣ [Матн] / С. А. Деҳқонов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе. - 2021. - №1-2 (9-10). - С. 42-47. ISSN 2707-9996.

[4-M]. Деҳқонов, С. А. Баъзе масъалаҳои таҷрибаи хориҷии таъмини захиравии рушди минтақа [Текст] / С. А. Деҳқонов // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. - 2022. - №1(30). - С. 286-295. ISSN 2663-0389.

[5-M]. Деҳқонов, С. А. Асосҳои назариявӣ ва таҳлили молиявии ноҳияҳои минтақаи Рашт [Матн] / С. А. Деҳқонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе. - 2023. - №5. - С. 146-155. ISSN 2413-5151.

[6-M]. Деҳқонов, С. А. Такмили механизми танзими буҷетию андозии рушди минтақаи Рашт [Текст] / Ш.Б. Ҷонмамадов, С. А. Деҳқонов // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. - 2023. - №1(35). - С. 76-82. ISSN 2663-0389.

[7-M]. Деҳқонов, С. А. Ҳавасмандгардонии бахши хусусӣ - омили рушди корхонаҳои хурду миёна дар минтақаи Рашт [Матн] / Ш.Б. Ҷонмамадов, С. А. Деҳқонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе. - 2023. - №10. - Қисми 1. - С. 214-223. ISSN 2413-5151.

**Дар дигар нашрияҳо:**

[8-M]. Деҳқонов, С. А. Механизм бюджетно-налового регулирования социально-экономического развития Республики Таджикистан [Текст] / С. А. Деҳқонов // Вестник Педагогического института Таджикистана в Раштском районе. – Рашт. - 2020. - №3(3). - С. 96-100.

[9-M]. Деҳқонов, С. А. Основные функции государства в региональном экономическом развитии [Матн] / С. А. Деҳқонов, Ф. Убайдов // Сборник материалов научно-теоретической конференции профессорско-преподовательского и студенческого сосотова ТГФЭУ, посвященной 30-летию Государтсвенной Независимости Республики Таджикистан и Годам развития села, туризма и народных ремесл (2019-2021), 12-17 апреля 2021г. – Душанбе. - 2021. - С. 61-65.

[10-M]. Деҳқонов, С. А. Таҳлили вазъи кунунии буҷети ноҳияҳои минтақаи Рашт: норасоиҳои мавҷуда ва роҳу манбаъҳои бартараф кардани онҳо [Матн] / М. Ниёзов, С. А. Деҳқонов // Маводи конференсияи илмӣ – амалии байналмилалӣ дар мавзуи “Рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар” (28.05.2022, ДОТ дар н. Рашт). – Рашт. - 2022. - С. 63-70.

[11-M]. Деҳқонов, С. А. Муаммоҳои рушди иқтисодии ноҳияи Рашт дар солҳои охир (2020-2021) [Матн] / С. А. Деҳқонов // Паёми Донишкадаи

омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – Рашт. - 2022. - №2(10). - С. 220-224.

[12-М]. Деҳқонов, С. А. Механизми иқтисодии таъмини рушди устувори минтақа [Матн] / С. А. Деҳқонов // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – Рашт. - 2022. - №2(10). - С. 225-228.

[13-М]. Деҳқонов, С. А. Нақши давлат дар таъмини рушди иқтисодии минтақавӣ [Матн] / С. А. Деҳқонов, Ф. Убайдов / Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба "Солҳои рушди саноат (2022-2026)" (18-23 апрел, Душанбе, 2022). Душанбе. – 2022. - С. 33-37.

[14-М]. Деҳқонов, С. А. Нақши фаъолияти соҳибкорӣ дар рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаи Рашт [Матн] / Ш.Б. Ҷонмамадов, С. А. Деҳқонов / Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – Рашт. - 2023. - №2(14). - С. 221-226.

[15-М]. Деҳқонов, С. А. Асосҳои методологии баҳодиҳии таъминоти захираҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа [Матн] / С. А. Деҳқонов / Маводҳои конференсияи илмӣ – назариявии устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт бахшида ба "26-солагии Ваҳдати миллӣ" ва "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)", (Рашт, 14-20 апрели 2023). – Рашт. – 2023. -С. 210-214.

[16-М]. Деҳқонов, С. А. Арзёбии вазъи кунунии соҳаи маорифи минтақаи Рашт [Матн] / С. А. Деҳқонов // Маводи конференсияи илмӣ – амалии байналмилалӣ дар мавзуи "Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ, менеҷмент ва фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар" (27.05.2023, ДОТ дар н. Рашт). – Рашт. - 2023. - С. 48-53.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Раҷабов Раҷаб Кучакович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,** бо чунин эродҳо пешниҳод шудааст: 1) Дар автореферат муаллиф ақидаҳои олимони ватанию хориҷиро оиди мафҳуми иқтисодиёти минтақавӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст, лекин ақидаи худро нисбати мафҳуми мазкур ба таври возеҳ баён накардааст. 2) Дар автореферат оид ба вазъи даромад ва хароҷоти буҷети ноҳияҳои минтақаи Рашт дар ҷадвали 8 маълумотҳо таҳлилу баррасӣ гардидаанд, аммо хуб мешуд буҷети ноҳияҳо дар алоҳидагӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода мешуд.

**2. Ҷумъаев Баҳовиддин Маҳмадназарович - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон** бо чунин эрод пешниҳод шудааст: 1) Оид ба тасдиқ шудан ё рад гардидани фарзияи илмии пешниҳодшуда, ки "барои аз минтақаи дотатсионӣ баровардани ноҳияҳои минтақаи Рашт мусоидат мекунад" хулосаи муаллиф баррасӣ нашудааст.

**3. Қудратзода Парвиз Қудрат - н.и.и, дотсент, декани факултети молия ва иқтисоди Донишгоҳи давлатии Данғара,** бо чунин эродҳо пешниҳод шудааст: 1) Дар автореферати диссертатсия корҳои илмии олимони ватанӣ оид ба масъалаҳои баррасишаванда кам ба назар мерасад. **2)** Масъалаҳои танзими давлатии ҳамкориҳои судманди иқтисодии минтақа бо дигар минтақаҳои кишвар низ сарфи назар гардидааст.

**4. Шарифзода Шариф Раҳим - н.и.и, и.в. дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёт ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** бо чунин эрод пешниҳод шудааст: 1) Нишондиҳандаҳои соҳаи тандурустӣ дар ноҳияҳои минтақаи Рашт нокифоя баррасӣ шудаанд ва шумораю вазъи нафақагирони минтақа низ кам таҳлил шудаанд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи танзим ва дастгирии минтақа мебошад. Мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***консепсияи муаллифӣ*** оид ба тадриҷан аз минтақаи дотатсионӣ баровардани ноҳияҳои минтақаи Рашт таҳия ва пешниҳод шудааст, ки таъмини рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа дар асоси танзим ва дастгирии давлатӣ бо мақсади таъмини рақобатпазирии истеҳсолоти минтақавӣ, ҷалби сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ, бунёди корхонаҳои хурду миёна ва шарикии давлат ва бахши хусусиро дар бар мегирад.

- ***пешниҳод шудааст:*** а) роҳҳои баланд бардоштани нақши давлат ва истифода бурдани таҷрибаи пешқадам дар рушди иқтисодию иҷтимоӣ; б) тавсифи нишондиҳандаҳои молиявӣ (рушди иқтисодии инноватсионӣ, гузариши босуръат ба ҳукумати электронӣ, омилҳои муосири ҷалби сармоягузориҳо, рушди саноат, пасткунии меъёрҳои андоз ва сиёсати дӯстона бо андозсупорандагон), арзёбии таъмини захираҳо ба рушди иқтисодии минтақа.

- ***исбот шудааст,*** ки иқтисодиёти минтақавӣ низоми ташаккулёфтаи иқтисодию иҷтимоии ҳудуди муайян буда, омӯзиш ва коркарди ашёҳои хом

ва захираҳои табиии маҳаллиро дар мавкеи чойгиршавиашон бо алоқамандии иктисодии минтакаҳои кишвар дар бар мегирад.

- ***чорӣ намудани*** таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ, аз ҷумла Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва як қисми кишварҳои нисбатан пешрафта, аз қабили Фаронса, Олмон, Сингапур, Малайзия ва Туркия оид ба муайян кардани рушди минтақа дар заминаи моделҳои мутобиқи иқтисодӣ ва бахисобгирии хосияти ҳудудию маъмурӣ, низоми андозситонӣ, ҷалби сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ, рушди сайёҳӣ ва саноати сабук тавсия карда шудааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки** дар таҳқиқот равишҳои мавҷуда оид ба таҳқиқи ҷанбаҳои ки муаммоҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаи Рашт дар шароити муосири иқтисодӣ ҳамаҷониба такмил дода шуда ва барои рушди минтақаҳо имкони истифодабарии натиҷаҳои бадастоварда ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа, ташаккул ва иҷроиши буҷетҳои минтақавӣ барои афзоиши иқтидори андозӣ ва молиявӣ, илман асоснок ва пешниҳод карда шудаанд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** усулҳои гуногуни абстраксияи илмӣ, оморӣ, методҳои экспертӣ, таҳлили омилӣ ва усули экстраполятсия, ки дар таҳқиқотҳои иқтисодӣ муҳим мебошад, самаранок истифода бурда шудаанд.

- ***баён шудани*** шартҳои муҳимми ҷалби сармоягузориҳо: а) рушди истеҳсолот, ҷиҳати таъмини амнияти иқтисодии минтақа; б) бунёди инфрасохтор ва таблиғи маконҳои сайёҳӣ; в) инкишофи инфрасохтори роҳу нақлиёт.

- ***ошкор гардидани*** омилҳои ба рушди иқтисодӣ ва таъмини буҷетҳои маҳаллии минтақаи Рашт таъсиррасон: 1) таъмини буҷети ноҳияҳои минтақа бо даромади худӣ; 2) ҳолати мавҷудияти техникаҳои кишоварзӣ ва захираҳои табиӣ; 3) истеҳсоли ашёҳои хоми табиӣ; 4) бунёди корхонаҳои хурду миёнаи саноатии минтақа; 5) таъсиси мактабу беморхонаҳои муосир.

- ***омӯхта шуданд:*** механизми танзим ва дастгирии минтақа аз ҷониби давлат дар шароити иқтисодии муосир муайян гардида, роҳҳои баланд бардоштани сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа, ташаккул ва инкишофи он пешниҳод шуда, муайян гардид, ки истифодаи мақсадноки имконоти низоми танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили асоси рушд ба ҳисоб меравад.

- ***аз нав такмил додани*** таърифи иқтисодиёти минтақа ва пешниҳоди таърифи муаллифӣ: «Иқтисодиёти минтақавӣ низоми ташаккулёфтаи иқтисодию иҷтимоии ҳудуди муайян буда, омӯзиш ва коркарди ашёҳои хом ва захираҳои табиии маҳаллиро дар мавкеи ҷойгиршавиашон бо алоқамандии иқтисодии минтақаҳои кишвар дар бар мегирад».

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардан довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки** нақши давлат ва истифода бурдани таҷрибаи пешқадам дар рушди иқтисодию иҷтимоӣ муайян карда шуда, тавсифи нишондиҳандаҳои молиявӣ, арзёбии таъмини захираҳо ба рушди иқтисодии минтақа асоснок ва пешниҳод гардидаанд.

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** тахиякардаи муаллиф дар раванди таълимии «Иқтисодиёти минтақавӣ», «Иқтисодиёти миллӣ», «Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ» ва «Иқтисодиёт дар корхонаҳои саноатӣ» истифода шудаанд (санади тасдиққунанда аз ДДМИТ №904/04 аз 21.10.2023). Инчунин, маълумотнома аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт аз 20.10.2023, тахти №557/01 оид ба татбиқи натиҷаҳои кори илмӣ-тахқиқотӣ мавҷуд аст.

- ***муайян карда шуд:*** такмили рушди иқтисодии минтақавӣ, ҳамасмандгардонии сиёсати молиявӣ, ҷалби сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ, таъсиси корхонаҳои хурду миёна, рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияҳои минтақаи Рашт асоснок карда шудааст;

- ***офарида шуд:*** модели регрессионии арзёбии рушди иқтисодии минтақа ва дурнамои нишондиҳандаҳои иқтисодию молиявӣ дар асоси усулҳои оморию эконометрикӣ, ки ба маҳсулоти умумии кишоварзӣ асос мёбад ва ***исбот шудааст***, ки ҳангоми ба як воҳид зиёд гардидани омили ҳаҷми гардиши савдо ва бетағйир мондани омили маҳсулоти умумии кишоварзӣ ба ҳисоби миёна маҳсулоти умумии минтақаи Рашт ба андозаи 1.4675 воҳид меафзояд ва дар мавриди ба як воҳид зиёд шудани маҳсулоти умумии кишоварзӣ ва бетағйир будани ҳаҷми гардиши савдо ба ҳисоби миёна даромади умумии минтақаи Рашт ба андозаи 0.8289 воҳид афзоиш мёбад.

- ***муаррифӣ карда шуданд:*** самтҳои асосии шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаи Рашт ва ташкил ва тавсеаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ таъсиси корхонаҳои хурду миёна, бунёди минтақаи озоди иқтисодии Рашт бо мақсади баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ дар минтақаи Рашт.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои тахқиқ нишон доданд, ки:**

- ***назарияи*** зарурати танзим ва дастгирии давлатии рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа дар асоси тахқиқи заминаҳои берунӣ ва шароити дохилӣ дар давраи муосир асоснок гардидааст. Дар асоси таҳқиқи ҳаматарафаи нишондиҳандаҳои иқтисодиёти ҳудуди алоҳида, танзиму дастгирии давлатии он ҳамчун омили рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа муайян ва пешниҳод гардидааст.

- ***ғоя*** ба хулосаҳои дар раванди таҳқиқот бадастомада, аз ҷумла, баррасии дастгирии давлат ҳамчун бахши муҳими соҳаи иҷтимоии иқтисоди минтақа

ва тадриҷан ба раванди ҷаҳонии истеҳсолот шомил шуда, ба ниҳоди калонмиқёс табдил ёфтани он, ки тавассути он таҳаввулоти бозорни ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа сурат мегирад, асос ёфтааст.

- ***истифодаи*** механизми танзим ва дастгирии минтақа аз ҷониби давлат дар шароити иқтисодии муосир муайян гардида, роҳҳои баланд бардоштани сатҳи рушди ичтимоию иқтисодии минтақа, ташаккул ва инкишофи он пешниҳод шуда мавриди истифода қарор дода шавад.

- ***муайян карда шуд,*** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи “Антиплагиат” сароҳатан сатҳи онро 94,5% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:** 1) муаллиф дар такмили назарияи рушди иқтисодиёти минтақа бо ворид намудани мушаххасоти як ҳудуди алоҳидаи камтаҳқиқшуда саҳми муайян гузоштааст; 2) дар таҳқиқот ҷанбаҳои назариявии иқтисодиёти минтақавӣ, ақидаҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, зарурати танзим ва дастгирии давлатии рушди иқтисодии минтақаи Рашт дар давраи муосир асоснок шудааст; 3) асосҳои сиёсати давлат дар таъмини рушди иқтисодии минтақаи Рашт бо захираҳо, аз ҷумла ҳавасмандгардонии буҷети маҳал, шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ баён шудаанд; 4) иҷрои нақшаи кории илмӣ дар ҳамаи давраҳо ҷиҳати: интихоб ва таҳияи мавзуъ, асоснокунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва нақшаи кории иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст; 4) дар омода намудани 16 мақола, аз он ҷумла 7-адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич дар мавзуи «Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, кори комилан анҷомёфтаи илмию тахассусӣ ба ҳисоб рафта, аз тарафи муаллиф мустақилона анҷом шуда, дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошад ва мубрам буда, аз аҳамияти назариявию амалӣ бархурдор аст ва дар асоснок намудани ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалии танзиму дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 1; 4; 5; 9; ва 21-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 05.04.2024 карори сазовор донистани Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ кабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шуро 12 нафар, аз ҷумла, докторони илм 10 нафар, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар иштирок доштанд. Овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ овоз доданд: тарафдор - 12 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетени беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.П.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**05 апрели соли 2024.**